**ТАҚРИЗИ**

мукаррризи расмӣ ба диссертатсияи **Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович** дар мавзӯи “**Мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик (масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика)**” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 – **Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ**”

Истиқлоли миллии кишвар барои эҷоди равандҳои ҷадид, тамоюлҳои тозаи таҳқиқӣ дар қаламрави илми тоҷик заминагузорӣ намуд, ки шинохти дигаргунае аз дарунмоя ва арзишҳои бадеии осори адабӣ дар шумори ин ҷараёнҳои навин қарор гирифтаанд. Махсусан, таълифоти насри ирфонии форсу тоҷик, ки бештар бо сабаби фарогирии ҷанбаҳои маърифатӣ дар шохаи осори динӣ дар замони Шӯравӣ муаррифӣ шуда буданд, аз зовияи таҳқиқ ва маърифат берун монда буданд. Ҳол он ки насри ирфонии форсу тоҷик яке аз бахши муҳими таълифоти адабиёти классикиро ба вуҷуд овардааст, ки дар баробари бархурдор будан аз сабки вежаи иншо, ҳовии муҳимтарин арзишҳои адабиву бадеӣ ба шумор меравад ва, мутаассифона, дар адабиётшиносии тоҷик ин падидаҳои ҳунарии он камтар ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Ин дар ҳолест, ки дар ховаршиносии ҷаҳонӣ донишмандоне чун Анри Корбен, Анри Моссе, Вилям Читтик, Е.Э. Бертелс, Луи Мосинюн ва дигарон дар тасҳеҳу таҳқиқ ва нашри мероси насри сӯфия хидматҳои бузург анҷом додаанд. Хушбахтона, дар даврони истиқлоли миллии Тоҷикистон раванди таваҷҷуҳи амиқ ба таҳқиқи поэтикаи осори сӯфия ва шинохти падидаҳои ҳунарии ин навъи мустаъмали насри классикии форсу тоҷик тарҳи тозаеро соҳиб шуд ва дар ин ҷода корҳои арзишманде аз сӯи донишмандони соҳибном ва олимони тоҷик Расул Ҳодизода, Худой Шарифзода, Носирҷон Салимӣ, Умеда Ғаффорӣ, Фахриддин Насриддинов, Ҳотам Асозода, Муътабар Шарифова, Муътабар Оқилова, Баҳром Мирсаидов, Меҳринисо Очилова, Сорбон Азизов ва дигарон ба анҷом расид. Дар канори пажӯҳишҳои хеш ин гуруҳи донишмандони соҳибназар ва олимони тоҷик ба нашри намунаҳои осори насри сӯфия низ муваффақ шуданд, ки “Тазкират-ул-авлиё”-и Шайх Аттор, “Рисолаи қушайрия”-и Абдулқосими Қушайрӣ, “Табақот-ус-сӯфия”-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, “Маҷолиси сабъа”-и Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, “Нафаҳот-ул-унс”-и Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ аз ҷумлаи онҳост.

Диссетатсияи **Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович** дар мавзӯи “**Мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик (масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика)**” идомаи чунин силсилсапажӯҳишоте ба шумор меояд, ки ба таҳқиқи ҷанбаҳои ҳунарии насри ирфонии форсу тоҷик ихтисос ёфтаанд. Таълифи мазкур таҳқиқи ҷанбаҳои поэтикии осори насрии яке аз нависандагони ориф Шайх Азизуддини Насафиро фаро мегирад, ки дар адабиётшиносии тоҷик нахустин пажӯҳиш аз дидгоҳи шинохти арзишҳои адабӣ, ҳунарӣ ва сабки таълифи ин навъ осор ба шумор меравад. Ба таъкиди худи диссертант ҳарчанд нуктаҳои мухтасаре дар

ҷараёни таҳқиқи манзараи куллии насри сӯфия ба унвони яке аз анвоъи насри классикии форсу тоҷик дар таҳқиқоти донишмандони тоҷик Худой Шарифзода ва Носирҷон Салимӣ баён гардидааст, вале то кунун ягон пажӯҳиши мустақил ва ҷудогона роҷеъ ба ҷанбаҳои ҳунарии осори насрии ин адиби ориф ба қалам наомадааст. Аз ин рӯ, дар диссертатсияи Сатторов Ҳабибулло аввалин бор дар адабиётшиносии тоҷик шарҳи ҳол ва мероси адабии Шайх Азизуддини Насафӣ, сарчашмашиносӣ ва нусхашиносӣ, вежагиҳои сохториву мавзуии рисолаҳои алоҳидаи ӯ, аз ҷумла "Зубдат-ул-ҳақоиқ", "Кашф-ул-асрор", "Мақсад-ул-ақсо", вежагиҳои сабкӣ, корбурди саноеи бадеӣ, амсолу ҳикам, ҳикоёт, ашъор ва амсоли ин таҳқиқ шуда, ба ин равиш масъалаҳои поэтика ва нусхашиносии осори нависанда баррасӣ гардидаанд.

Диссертатсия мутобиқ ба меёрҳои иншои диссертатсияҳои номзадӣ таълиф гардида, ба шиносномаи ихтисоси 10.01.8 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ мутобиқат дорад.

Навовариҳои диссертатсия бар асоси муқаррароти худи диссертант чунин таъйин шудаанд, ки дар он бори нахуст "дар адабиётшиносии тоҷик шинохти шахсияти маънавӣ ва эҷодии Азизуддини Насафӣ, маҷмӯи осор ва вижагиҳои адабиву бадеии таълифоти ӯ, мақоми ӯ ҳамчун адиб дар рушду таҳаввули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик дар доираи масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар канори ин ки дар диссертатсия Азизуддини Насафӣ ҳамчун яке аз нависандагони барҷастаи насри классикии адабиёти форсу тоҷик, адиби соҳиби мероси мансури ирфонӣ ва фалсафӣ барои хонандагони тоҷик муаррифӣ мешавад, мақому ҷойгоҳи ӯ ҳамчун тарвиҷдиҳандаи насри ирфонӣ пас аз Абуалӣ ибни Сино таҳқиқ шудааст, ки то кунун ин бахс дар рисолаҳои марбут ба таърихи адабиёти тоҷик ба миён гузошта нашуда буд.".

Дар раванди таҳқиқи матолиби меҳварии мавриди назар рисолаҳои адабиву ирфонии Азизуддини Насафӣ чун сарчашмаҳои асосӣ истифода шуда, диссертант дар ҷараёни баррасии масоили меҳварӣ аз усулҳои пешқадами таҳқиқ дар адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, инчунин сохторшиносии матни асари бадеӣ, шарҳнависӣ ва баррасиҳои оморӣ ба кор гирифтааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 8 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии таҳқиқот ва рӯйхати адабиёти истифодашуда таркиб ёфта, ҳаҷми куллии он 176 саҳифаро ба вуҷуд овардааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия масъалаҳои марбут ба мушаххас намудани муҳимият ва мубрамият, дараҷаи омӯхта шудан, ҳадаф ва вазифаҳо, сарчашмашиносӣ, равишҳои таҳқиқи мавзуъ муқаррар карда шуда, нуктаҳои меҳварии барои ҳимоя манзуршаванда мушаххас ва аҳамияти назариву амалӣ, навгониҳои таҳқиқот дақиқ гардидаанд.

Боби аввали диссертатсия "**Рӯзгор ва осори Азизуддини Насафӣ**" унвон дошта, муҳимтарин матолиби мавриди таҳқиқ дар ин бахш дар ду фасл ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Нахуст, бо такя бар манобеъ ва сарчашмаҳои

қадим диссертант зиндагиномаи Азизуддини Насафиро бозгӯӣ ва муҳимтарин нукоти марбут ба рӯзгори вайро шарҳу тафсир намуда, замони зиндагӣ, таърихи мавлуд, сафарҳо, пиру муршид ва мақоми маънавии ӯро баён доштааст.

Яке аз равишҳои қобили таваҷҷуҳ, ки муҳаққиқ дар ҷараёни шарҳу бозгӯии рӯзгори Насафӣ аз сар гирифтааст, мурочиат ба матолиби рисолаҳои худи вай ба шумор меравад, ки дар он ҳо нукоти муҳим роҷеъ ба лаҳазоти муайяни зиндагонияш ишорат рафтааст. Хосатан, масъалаи таъсири ақоиди ирфонии Саъдуддини Ҳамавӣ, ки пиру мурдшиди Азизуддидин Насафӣ ба шумор меравад, бештар бо такя бар баёноти худи нависанда дар рисолаҳояш баррасӣ ва тавзеҳ пазируфтааст.

Дар баробари ин, маълумоти тазкираҳо ва осори муътабаре, ки дар онҳо зикри ном ва ақволу шарҳи ҳоли Азизуддини Насафӣ рафтааст, дар ҷараёни баррасии нуктаҳои меҳварии марбут ба зиндагиномаи адиб мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Масъалаи дақиқ намудани соли вафот ва макони реҳлати ӯ низ пеш аз ҳама бо такя бар назариёти мазкур дар осори худи адиб баён шудааст, ки хеле муҳим ба назар мерасад.

Дар ҷараёни таҳқиқи масоили меҳварии ин боб диссертант муҳимтарин асарҳои Азизуддини Насафиро муаррифӣ ва мундариҷаву муҳтавои онҳоро тавзеҳ додааст. Бар асоси дастрасиҳояш ба нусхаҳои хаттӣ ва осори то кунун нашршуда муқаррар сохтааст, ки ба қалами Азизуддини Насафӣ бештар аз 30 рисола тааллуқ дорад, ки ба навиштаи мусаҳҳеҳони осори вай то кунун 27 адади он дар кишварҳои форсизабон тасҳеҳ ва нашр шудаанд.

Муҳимтарин таълифоти Насафиро диссертант «Кашф-ул-ҳақоиқ», «Инсони комил», «Китоб-ут-танзил», «Маърифати инсон», «Зубдат-ул-ҳақоиқ», «Баён-ут-танзил», «Мақсад-ул-ақсо», «Асрор-ул-қобилият», «Асрор-ул-ваҳй», «Сулуки мақомот», «Манозил-ус-соирин», «Усул ва фуруъ», «Асрор-ат-тасаввуф», «Хавос-ул-ҳуруф», «Асрор-ул-қобилия», «Лавҳи маҳфуз», «Олами сағир», «Ваҳдати вуҷуд» ва монанди ин ном мебарад, ки мақомашро дар ташаккули насри ирфонии форсу тоҷик аз ҳар зовия ва ҳар дидгоҳ муқаррар ва муайян кардаанд.

Ба таъкиди диссертант, дар Тоҷикистон танҳо як рисолаи Азизуддини Насафӣ “Зубдат-ул-ҳақоиқ” дар саҳифаҳои маҷаллаи “Садои Шарқ” ба кӯшиши Рустам Шукуров интишор ёфтааст ва ин ваъз тақозои онро дорад, ки дар оянда диссертант дар андешаи тасҳеҳ ва нашри рисолаҳои арзишманди ин адиб бошад.

Ба таври куллӣ, дар ҷараёни баррасии осори Насафӣ муаллифи диссертатсия ба натиҷае расидааст, ки аксари рисолаҳои Азизуддини Насафӣ фарогири масоили фалсафӣ ва ирфонӣ мебошанд. Аз ин ҷиҳат, накш ва мақоми Азизуддини Насафӣ дар рушд ва ташаккули насри фалсафӣ ва махсусан ирфонӣ муассир буда, таълифоташ аз шеваи қобили мулоҳизаи таълиф бархурдор мебошанд.

Боби дувуми диссертатсия **“Сарчашмашиносӣ, мундарича ва сохтори рисолаҳои Азизуддини Насафӣ”** ном дошта, масоили меҳварии он дар се боб ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Бар асоси доираи васеи мутолеа, дастрасӣ ва коркарди сарчашмаҳо, феҳристҳои китобхонаҳои кишварҳои мухталифи олам ба диссертант муяссар гардидааст, ки роҷеъ ба муҳимтарин нусхаҳои хаттии осори насрии Насафӣ изҳори назар намуда, нуфузи ин нусах ва сабабҳои аслии иштиҳор ва интишори онҳоро дар китобхонаҳои олам баён намояд.

Аз мутолеаи диссертатсия пайдост, ки яке аз мусаҳҳеҳони рисолаҳои Насафӣ, Мирбоқии Фард дар ҷараёни кори хеш 25 нусхаи хаттии осори адибро дар китобхонаҳои кишвари Эрон муаррифӣ намудааст, ки дар ҷараёни тасҳеҳи хеш истифода намуда. Ҳамзамон, нуктаи қобили таъкид он аст, ки худи муҳаққиқ дар ихтиёри хеш як нусхаи хаттиеро доштааст, ки дар китобхонаи Маҷлиси Шӯрои Исломии Эрон маҳфуз буда, дар он 23 рисолаи Азизуддини Насафӣ дар он ҷой гирифтааст. Мулоҳизаҳои арзишманди муҳаққиқ дар бораи нашрҳои то кунун аз расоили Насафӣ анҷомёфта ӯро ба натиҷае расонидаанд, ки имрӯз зарурати тасҳеҳ ва нашри таълифоти насрии ин адиб дар Тоҷикистон пеш омадааст. Ҳангоми баррасии мутуни рисолаҳои мавриди таҳқиқ диссертант гоҳо маврид онҳоро дар асоси нусхаҳои хаттӣ ва чопии дастрас муқоиса ҳам муқобила карда, ки арзиши матншиносии диссертатсияро ин шеваи кори вай боло бурдааст. Махсусан, муқоисаи матни “Зубдат-ул-ҳақоиқ”, ки дар саҳифаҳои маҷаллаи “Садои Шарқ” бо кӯшиши Рустам Шукуров ба чоп расидааст ва нашрҳои ирониву нусхаҳои хаттии он диссертантро ба хулосае овардааст, ки таҳиягарон аз нусахи мухталиф истифода намудаанд, чун фарқиятҳои матнӣ дар онҳо ба чашм мерасад.

Баҳсҳои қобили таваҷҷуҳ роҷеъ ба масъалаҳои сарчашмашиносӣ, сохтор ва мундариҷаи рисолаҳои “Зубдат-ул-ҳақоиқ”, “Кашф-ул-асрор”, “Мақсад-ул-ақсо” имкон доданд, ки диссертант дар баробари таъйини манобеи аслии таълифи ин осор баррисиҳои судманде роҷеъ ба сохторшиносии расоил ба поён бубарад.

Ҳарчанд партави андеша ва таъсири осори муътабари мухталифи ирфонии қабл аз ӯ иншогардида аз ҷумла, осори Ибни Сино, «ал-Ламаъ», «Кашф-ул-маҳҷуб”-и Ҳуҷвирӣ, «Рисолаи Қушайрия», осори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, таълифоти Имом Муҳаммади Ғаззолӣ, аз ҷумла «Кимиёи саодат», «Эҳё-ул-улумуддин», «Мушкот-ал-анвор», осори Айнулқуззоти Ҳамадонӣ, рисолаҳои Тоҷиддини Ушнавӣ, «Авориф-ул-маориф», осори Шайхи Ишроқ, «Мирсод-ул-ибод”-и Наҷмиддини Розӣ дар батну матни расоили Азизуддини Насафӣ ошкор мешавад, вале ба назари саҳеҳи муҳаққиқ ин адиби ориф бештар аз таълифот ва аҳволи устоди хеш Саъдуддини Ҳамавӣ суд ҷустааст. Ӯ ин дидгоҳҳои хешро бо зикри аснод ва аҳволи шоҳид собит кардааст. Дар тайъини сарчашмаҳои манзуми рисолаҳои Азизуддини Насафӣ низ диссертант ҷусторҳои судманде анҷом дода, бо зикри абёти шоҳид мероси манзуми Саноии Ғазнавӣ, Аттори Нишобурӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Афзалуддини

Кошониро низ ҳамчун манобеи таълифоти ӯ муқаррар кардааст, ки баҳси муфид ва муҳими илмӣ ба шумор меравад.

Агарчӣ сохтор ва муҳтавои рисолазои "Зубдат-ул-ҳақоиқ" ва "Кашф-ул-асрор" дар як бахш бо шеваи таҳлили қиёсӣ таҳқиқ шудаанд, вале сохторшиносии рисолаи "Мақсад-ул-ақсо" дар фасли алоҳида баррасӣ гардида, диссертант ҷойгоҳи онро дар миёни таълифоти дигари адиб муқаррар сохтааст. Аз ишорати ӯ равшан ҳувайдост, ки матни комили ин рисолаҳоро ҳам таҳия намудааст ва ин шеваи матлуби кораш арзиш ва аҳамияти диссертатсияро дар самти матншиносии осори адиб барҷастатар ба намоиш мегузорад.

Боби савуми диссертатсия "**Сабки таълиф ва арзишҳои адабии рисолаҳои ирфонии Азизуддини Насафӣ"** ном дорад ва аз се фасл таркиб ёфтааст. Мабоҳиси ин қисмати диссертатсия матлабҳои меҳварии таълифотро ба вуҷуд овардаанд ва гуфтан мумкин аст, ки дар ҷараёни таҳқиқи масъалаҳои ин қисмат ба диссертант муяссар гардидааст, ки поэтика ва арзишҳои адабии рисолаҳои адибро ба риштаи таҳқиқ кашад. Дар навбати аввал, вежагиҳои насри сӯфиёнаро дар осори Азизуддини Насафӣ бозҷӯӣ намуда, корбурди истилоҳоти хоси ирфонӣ, унсурҳои хоси баёни орифонаро чун падидаҳои ин сабк дар таълифоти адиб баррасӣ кардааст. Ҳамзамон, корбурди таъбирҳои зебо, ки насри адибро мавзун ва боназокат гардониданд, бо зикри мисолҳо таҳқиқ шудааст, ки дар тақрири арзишҳои адабии осори мансури ирфонии ӯ нақши муҳим доранд.

Соддагиву равонии сабки таълифи рисолаҳои Насафӣ, ки аксари муҳаққони осори ӯ ин андешаро баён доштаанд, ба назари диссертант сарчашма дар он дорад, ки адиб эҷоди хешро дар қаламрави Фароруд оғоз намудааст ва таъсири форсии тоҷикӣ дар навиштаҳои вай таҷассуми барҷаста дорад. Ҳарчанд Азизуддини Насафӣ замоне дар Бухоро ва боқии умри хешро дар Абаркӯҳ, наздикии шаҳри Шерози Эрон сипарӣ намуд, вале ҳамин назокат ва равонии сабки таълифи хешро тағир надод. Муҳимтарин унсурҳои форсии тоҷикии хоси Фароруд дар аксари рисолаҳояш ҳифз шудаанд, ки таҳқиқи забони чунин осор барои забоншиносии тоҷикӣ ва муқаррар намудани сабки таълифи насри классикии форсу тоҷикии қаламрави Фароруд низ аз аҳамияти вежа бархурдор аст.

Хулосаи дурусту мантиқии диссертант роҷеъ ба ин масъала он аст, ки корбурди амсол ва ҳикам, ашъор ва ҳикоёти тамсилӣ дар таркиби рисолаҳои орифонаи Насафӣ арзиш ва аҳамияти адабиву бадеии онҳро афзун гардонидааст. Дар баробари ин, зимни таҳқиқи истифодаи ашъор дар рисолаҳо муқаррар кардааст, ки Насафӣ маҳорати худро дар эҷоди шеър низ таҷриба намудааст ва ин андешаи хешро бо такя бар матолиби бархе тазкираҳо низ ба субут расонидаст, ки намунаҳое аз ашъори суханварро зикр кардаанд.

Дар Хулосаи диссертатсия, ки аз 19 банди назарӣ ва 6 тавсияи амалӣ таркиб ёфтааст, муҳимтарин натиҷаҳои аз тадқиқот ба даст омада, баён гардидаанд.

Ба таври умум, метавон таъкид намуд, ки диссертатсияи **Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович** дар мавзӯи "**Мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик (масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика)**" як пажӯҳиши комилан тоза дар шинохти арзишҳои адабиву бадеии рисолаҳои ирфонии ин нависандаи ориф ба шумор рафта, бори аввал дар адабиёти тоҷик мақоми Азизуддини Насафиро дар рушди насри ирфонӣ муқаррар сохтааст.

Дар баробари дастовардҳои мазкур дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ҷой доранд, ки ислоҳашон барои такмили боз ҳам бештари арзиши илмии таҳқиқ мусоидат хоҳанд намуд.

1. Дар муқаддимаи диссертатсия муаллиф таъкид намудааст, ки ба қалами Азизуддини Насафӣ бештар аз 27 рисола тааллуқ дорад. Аммо дар ҷараёни муаррифии онҳо дар фасли дувуми боби аввали диссертатсия ҳамагӣ роҷеъ ба 6 рисола зикри иттилоъ намудааст. Хуб мешуд, ки дар ин фасли диссертатсия осори нависандаи орифро, ки дар сатҳи матлуб дар Тоҷикистон шинохта нашудаанд, бештар муаррифӣ карда, муҳтавои аслии онҳоро шарҳу тавзеҳ медод.

2. Дар саҳифаи 29 диссертант иттилоъ медиҳад, ки дар Тоҷикистон "танҳо аз тариқи маҷаллаи «Садои Шарқ» як рисолаи кӯчаки ӯ бо номи «Зубдат-ул-ҳақоиқ» мунташир гардидааст". Хуб мебуд, ки иттилои мазкур ба сурати пурра ва бо зикри таҳиягару соли нашри он оварда мешуд. Албатта, ин тартиб дар фасли аввали боби дувум дар саҳифаи 52 то андозае риоят гардидааст ва ҳамгунсозии матолиб ва иттилоот дар матни диссертатсия арзиши онро меафзояд.

3. Дар фасли аввали боби дувуми диссертатсия масъалаи хеле муҳим – нусхашиносии осори Азизуддини Насафӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст ва маълум аст, ки диссертант нусхаҳои зиёдеро шарҳу тафсир ва барои хонанда муаррифӣ кардааст. Хуб мебуд, ки дар асоси феҳристҳои мавҷуда роҷеъ ба нусхаҳои хаттии осори нависанда дар китобхонаҳои Тоҷикистон низ зикри иттилоъ намояд.

4. Дар бархе саҳифаҳои диссертатсия иқтибосот ҳаҷман зиёд оварда шудаанд. (Масалан: ниг. Саҳ.75, 78, 79, 81 ва ғ). Беҳтар он буд, диссертант андешаҳои илмии хешро дар асоси зикри ҳаҷми камтари иқтибосот баён намояд.

5. Аз муҳтавои диссертатсия бармеояд, ки муаллифи дар боби дувуми диссертатсия низ асосан андешаҳои хешро дар асоси чаҳор рисолаи Шайх Азизуддини Насафӣ "Зубдат-ул-ҳақоиқ", "Кашф-ул-ҳақоиқ", "Мақсад-ул-ақсо", "Инсони комил" баён доштааст. Агар ҳангоми таҳлилу барраси мулоҳизоташро роҷеъ ба дигар таълифоти адиб баён медошт, арзиш ва аҳамияти диссертатсия боз ҳам меафзуд. Ба таъбири дигар, ҳангоми таҳқиқи сохтор ва мундариҷаи рисолаҳо аз таҳлили қиёсӣ ба кор гирифта, онҳоро бо ҳамдигар муқоиса менамуд, арзиши илмии таълифот бештар аз ин мегардид.

6. Ба андешаи мо агар масъалаи бозтоби унсурҳои забонии хоси форсии Фарорӯд дар диссертатсия васеътар таҳқиқ мешуд, арзиш ва аҳамияти он барои шинохти вежагиҳои забонии таълифоти ин давра дар иртибот ба марҳилаҳои таърихии забони тоҷикӣ афзунтар мегардид. Маводи ин бахши таҳқиқ барои дақиқ намудани сабки хоси адиб ва таълифоти насри ирфонӣ низ аз аҳамияти муҳиме бархурдор мешуд.

Албатта, ин ҳама қайду эродҳои маврида назари мо ҳаргиз ба арзишу аҳамияти илмии диссертатсия таъсир намегузоранд ва бештари онҳо ба ҳукми пешниҳод манзур гардиданд.

Ба таври куллӣ метавон изҳор дошт, ки диссертатсияи **Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович** дар мавзӯи "**Мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик (масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика)**" ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт; матншиносӣ, нусхашиносӣ мебошад.

Муқарриз
доктори илми филология, профессор,
Директори институти илмӣ- тадқиқотии
илмҳои ҷомеашиносии
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров Нуров Нуралӣ Норович

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Суғд, Хуррамшаҳр 38.
Тел: (+992)928763797
емайл: nurali74@mail.ru

Имзои Нуров Нуралӣ Норовичро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси кафедраи адабиёти классикии тоҷики
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров Наврӯзов Эҳсон
«14» ноябри соли 2023.

**Суроға**
**735700**, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
**шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,**
**телефон: 6-52-73, 6-47-39 факс: 6-75-18;**
**e-mail: rector@hgu.tj** Сомонаи расмӣ: www.hgu.tj